# ГЕНДЕР ва ОБ



3 ГЕНДЕР, ОБ ВА ҲОДИСАҲОИ ИҚЛИМӢ



Мо дар Алянс оид ба гендер ва об (АГО) хеле хурсандем, ки алҳол Шумо ин буклетро дар даст доред. Бо ёрии он мо ба Шумо дар бораи масъалаҳои муҳиму рӯзмара нақл мекунем.

Дар навбати аввал мо ба Шумоён гуфтанӣ ҳастем, ки сӯҳбат бо қироати ин буклет оғоз меёбад. Дар ҳақиқати ҳол бошад, мо умедворем, ки Шумо худатон ба наздикону шиносҳоятон дар мактаб ва кор дар бораи он чи, ки дар буклет хондед, нақл мекунед. Шумо ҳатто метавонед ба онҳо маслиҳат диҳед, ки ин буклетро хонанд.

Агар Шумо омӯзгор бошед, метавонед ин буклетро ба забони модариатон тарҷумаю чоп кунед. Шумо ҳамчунин метавонед расмҳои онро бематн барои ташкил кардани муҳокима ва мубодилаи афкор байни талабагон истифода баред. Расмҳои чаҳор буклетро шумо метавонед аз сомонаи интернетии мо www: gender.water.org гиред. Хоҳишмандем, арзи сипосро ба муаллиф ва АГО аз хотир набароред. Дар хотима мехостем ба диққати Шумо расонем, ки агар Шумо дар бораи проблемаҳои гендер марбутан ба идоракунии захираҳои об иттилооти муфассал гирифтанӣ бошед, АГО дар ихтиёри Шумост.

Шумо эътимод ҳосил мекунед, ки мо дар идора кардани ҳавзаҳо, дарёҳо ва кӯлҳо, ки аз шаҳри Шумо ё аз канори шаҳри Шумо мегузаранд, ва бо ин роҳ барои ба ҳама дастрас шудани об кори зиёдеро ба сомон расонида метавонем. Акнун навбат ба Шумо.

Бароятон қироати гуворо орзу мекунем.

# ДИҚҚАТ! ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

ҲОДИСАИ ФАВҚУЛОДА!



Одамоне, ки ба хушксолӣ одат кардаанд, аксаран фикр мекунанд...

...”ХЕЛЕ ХУБ МЕШУД, АГАР БАРОИ



ДИЛХУШӢ ЯК БОРОНИ САХТ МЕБОРИД”



Онҳое, ки обхезиро аз сар мегузаронанд, дар андешаи онанд, ки:

ХЕЛЕ ХУБ МЕШУД, АГАР БОРОН МЕМОНД...”





Ва аз ҳама бадаш он аст, ки обхезию хушксолӣ ҳар сари чанд вақт такрор мешаванд. Агар такроршавии онро донем, оқибатҳои вазнинро пешгирӣ кардан мумкин аст...

Ё не?

Норасоӣ ё барзиёдии борон ногузир аст!

# МО БОЯД АЗИЯТ КАШИДАНИ ОДАМОНРО ПЕШГИРӢ КУНЕМ!



ҲАНГОМИ ХУШКСОЛӢ АЗ ҲАМА БЕШТАР КӢ АЗИЯТ МЕКАШАД?



# КӢ БА САБАБИ ОБХЕЗӢ ҲАМАИ АМВОЛАШРО АЗ ДАСТ МЕДИҲАД?



БАЪДИ ОБХЕЗӢ Ё БӮРОН КӢ МАҶБУР МЕШАВАД ҲАМАИ ЧИЗРО АЗ НАВ БАРҚАРОР КУНАД?



КӢ ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ЗАРУРӢ ДАР МАВРИДИ БА АМАЛ ОМАДАНИ ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДА ОГОҲ АСТ?





ДАР ЛАҲЗАҲОИ БЎҲРОНӢ БАРОИ ОБИ ТОЗА ВА ТАОМИ ОИЛА КӢ МЕРАВАД?

Маъмулан занон...



Ин хабар барои ҳама - занон, мардон, ҷавонон ва солхӯрдагон аст.

МО БОЯД ДАР БОРАИ ОИЛА ҒАМХОРӢ КУНЕМ. МО НАБОЯД РОҲ ДИҲЕМ, КИ ЯГОН КАС АЗ ХУШКСОЛӢ, ОБХЕЗӢ, БӮРОН ВА Ё ДИГАР ФАЛОКАТИ ТАБИӢ АЗИЯТ КАШАД. ВАЛЕ БАРОИ НОИЛ ГАРДИДАН БА ИН МАҚСАД МО БОЯД ДАР БОРАИ ОБ, ЗАМИН ВА ҲАМАИ ОН ЧИЗҲОЕ, КИ ДАР **ТАБИАТ** ҲАСТ, ҒАМХОРӢ КУНЕМ.



МО БОЯД ҒАМИ МАНЗИЛАМОНРО ХӮРЕМ.



## МАНЗИЛИ МО - ТАБИАТ АСТ.

Мо дар рӯи замин роҳ меравем, аз ҳисоби ҳаво, обу хӯрок зиндагӣ мекунем. Табиат ҳамчунин ҷои кори мост. Маъмулан модаронамон ба мо чӣ мегӯянд?

МО БОЯД БА ҚОНУНҲОИ ТАБИАТ ТОБЕЪ ШАВЕМ!



# ҚОНУНҲОИ ТАБИАТ ЧИ ХЕЛАНД?

Об ҳамеша дар ҳаракат аст. Он ҳангоми аз нури офтоб гарм шудан, бухор гашта, абрҳоро ташаккул медиҳад ва сипас ба борон табдил ёфта, ҷангал, кӯҳ, саҳро, деҳоту шаҳрҳоро сероб месозад, тавассути ҳамаи роҳҳои озоди обӣ ба поён мешорад, ба хок медарояд, дарёю кӯл ва обанборҳои зеризаминиро пур мекунад. Тамоми ин роҳро тай карда, об бори дигар бухор мешавад ва саёҳати дигарро оғоз менамояд.



Ин гирдгардии об  номида мешавад. Барои он ки ин силсила хуб амал кунад, бояд ҳамаи ҳалқаҳои он - ҷангал, хок, дарё, иншооти антропогенӣ - ба ҳам мувофиқ ва дар эътидол бошанд.

ОДАМОНЕ, КИ АЗ РӮИ СИКЛҲОИ ТАБИӢ ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД, МЕДОНАНД, КИ ЧИ ТАВР ОНҲОРО ВАЙРОН КАРДАН ЛОЗИМ НЕСТ. БА ГАПИ ИН ОДАМҲО ГӮШ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ. ДАР ПЕШ КОР БИСЁР АСТ.



Ҳар сол бўрону хушксолиҳо теъдоди беш аз пеши одамонро мутаҳайййир месозанд. Сармо дар тобистон ва гармо дар зимистон...

Солхўрдагон мегўянд, ки дар замонҳои пеш чунин ҳодисаҳо рух намедоданд. Олимон тасдиқ мекунанд, ки иқлим дигар мешавад. Ва сабаби ин фаъолияти инсон аст, ки асосан ба истеҳсоли энергияю маҳсулот нигаронида шудааст.



Дар давоми муддати тӯлонӣ ин фаъолият ба тавозуни табиӣ дахолат мекард. Мо бояд тадбирҳо андешем, ки тавозуни мазкурро барқарор намоем. Агар мо илоҷи ин корро наёбем, ба бӯҳрони аз ин шадидтар рӯ ба рӯ мегардем.



*Барқарор кардани тавозуни табиӣ барои ҳама махсусан барои онҳое, ки аз оқибатҳои вайрон шудани тавозуни мазкур бештар азият мекашанд, зарур аст.*

Акнун биёед ба дарёе, ки ҳамин қадар хонаҳоро зери об гузоштааст, назар афканем. Дарё ҳамеша ду шохоб дошт: шохоби асосӣ, ки дарё дар қисми зиёди сол тавассути он ҷорӣ мешуд ва маҷрои нисбатан васеъ, ки он дар мавридҳои обхезӣ истифода мегардид.



Касе, ки дар соҳили дарё хона месозад, бояд инро донад. Мумкин аст ҳавлии Шумо ба ҳудуди табиат зада даромада бошад. Мумкин аст дар он ҷой сохтани манзилро ҷамъият маъқул шуморад, аммо он ба қонунҳои табиат зид аст.



*Вақте ки гирдгардиши об халалдор мегардад, ин ба ҳама дахл дорад. Вале, махсусан фикру ақидаи занонро ба эътибор гирифтан лозим аст.*

Касе, ки дар соҳили дарё дарахту буттаҳоро мебурад, зидди қонунҳои табиат амал мекунад. Рустаниҳо либосе мебошанд, ки дарёро муҳофизат мекунанд. Агар рустанию набодот бошад, оби боронро барги дарахтон нигоҳ медоранд, он тадриҷан ба хок ҷаббида мешавад ва решаҳоро сероб намуда, ковокиҳои хокро пур мекунад, ва онҳо, дар навбати худ, баъдтар ҳангоми мавсимҳои хушк чашмаҳоро бо об таъмин менамоянд. Агар рустанӣ набошад, оби борон мустақиман ба дарё ҷорӣ мешавад ва ин боиси обхезӣ мегардад.



Ғайр аз ин, агар ҷангал набошад, борон соҳилро мешӯяд, оби лойолуд ба лойқа табдил ёфта, ба дарё мефарояд. Тадриҷан лойқа маҷрои дарёро пур мекунад ва дарё ба зудӣ пур шуда, манзилро об зер мекунад.



Аз тарафи дигар, агар мо обхезиро танҳо бо ёрии садду (дамбаю) каналҳо танзим кардан̄ӣ шавему болобароию поёнфароии табиии дарёро ба назар нагирем, дарё дар қонуни табиат нақши худро иҷро нахоҳад кард. Вақте ки ба дарё имкони озодона ҷорӣ шудан медиҳем, дарёҳои дамида дар дарёбод моддаҳои ғизодорро боқӣ мегузоранд. Ин моддаҳо хокро порунок мекунанд. Зироаткорӣ дар ин заминҳо ба ҳама, махсусан ба фермерҳое, ки хоҷагидориашон аз ин майдонҳо вобаста аст, ҳамчунин ба рустанию ҳайвоноте, ки дар ин шароит бояд зинда монанд, фоида меорад.



Муҳофизати захираҳои хокӣ барои ҳама, вале махсусан барои занон, барои рустанию ҳайвонот хеле муҳим аст. Барои ин ба об ғамхорӣ зоҳир кардан лозим аст.



Хушксолӣ ҳодисаи ногаҳонӣ нест. Аҳён-аҳён дар баъзе минтақаҳо борон намеборад ва ба ин ҳолат тайёр будан лозим аст. Чи тавр? Ин аз имкониятҳою анъанаҳои минтақа вобаста аст. Барои нигоҳдории об бакҳо (махзанҳо) сохтан мумкин аст. Масалан, системаи сарфаи об дар ҳавлиҳо ё барои ҷомеа ё маҳзанҳои дигар, ки бо назардошти манфиатҳои ҳамаи тарафҳо ба нақша гирифта мешавад.



Омода будан, яъне ёфтани вариантҳои мухталифи сарфаи об аст, ки барои истеҳсоли барқ ва парвариши рустаниҳо истифода мегардад. Ҳамчунин ёфтани усулҳои пешбурди кишоварзӣ, ки обталабиашон камтар аст. Камтар об истифода бурда, бештар ҳосил гирифтан.




*Мо бояд ба хушксолӣ, обхезӣ, бӯрон тайёр бошем. Нақшаи амалиёт дар вазъиятҳои фавқулода дошта бошем, ки ба ҳамкории ҳамаи тарафҳо асос меёбанд.*

Барои ғамхорӣ кардан ба обу замин, барқарор намудани тавозуни табиӣ ва тайёр будан ба хушксолӣ бояд ҳама дар

## ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

иштирок кунанд.



Ҳама якҷоя бояд фикр кунанд, қарор қабул намоянд ва амал кунанд: Ҳукумат, истифодабарандагони об ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. Кӣ дар ин ҷаласа иштирок накарда наметавонад? Ҳамаи он касоне, ки аз тадбирҳои андешида бештар манфиат мебинанд. Бешак, занону солхӯрдагон дар ин ҷаласа иштирок накарда наметавонанд. Бино бар ин муҳим аст, ки аксарияти онҳо ҷомеаҳои худ, ҳамчунин ҳукуматҳои худ, истифодабарандагони об ва ҷомеаи шаҳрвандиро намояндагӣ кунанд.



Бино бар ин, он ашхосе, ки маъмулан аз ҳокимият маҳрум буданд, ҳокимият гирифтан... ва истифодаи онро оғоз менамоянд. Онҳое, ки маъмулан, садояшонро ҳеч кас намешунид, бояд соҳиби овоз шаванд.



Барои он ки нақшаи амалиёт дар вазъиятҳои фавқулода самарабахш бошад, бояд дар он ҳама иштирок кунанд. Нақшае, ки онро фақат персонали техникӣ мефаҳмад, бефоида аст. Шахсони аз ҳама манфиатдор занон, мардон, ҷавонон ва солхӯрда дар асоси таҷрибаи худ нақшаро такмил дода метавонанд. Дар ниҳояти кор, вақте ки ҳазорҳо оила азият мекашанд, одамони бодиққату бошафқат таъсири бӯҳронро кам мекунанд.



Табиатро фаҳмида, мо ҳамаи чизҳои нодурустро тағйир дода ва азияти онҳоеро, ки таҳти таъсири обхезию хушксолӣ қарор мегиранд, кам карда метавонем. Вақте ки мо барои беҳтар намудани вазъият тадбире меандешем, табиат зуд вокуниш нишон медиҳад. Табиат на душмани мо, балки дӯсти мост.

**ВА ҲАМИН ТАВР ҲАМ БОЯД БОШАД.**

**ЗЕРО МО, ОДАМОН ЯК ҶУЗЪИ ТАБИАТ МЕБОШЕМ.**





Нашрияро таҳия карданд:
Матн ва расмҳои
Жиралдо Алвс Пинто ва Мегетерио
(Мигел Мендес Риэс, Марко Антолио де Ж. Ферейро, Фабио Ферейра, Вандерлей Сорэс. Ҳамкории Феррет).


Таҳти таҳрири
Instituto Ipanema- Бразилия
www.institutoipanema.net
Самтгири: Demetrios Christofidis e Ninon Machado
Татбик
**Директори иҷроия** Йоке Милвяйк
jokemuylwijk@chello.nl
secretariat@gwalliance.org
www.genderandwater.org
Альянс оид ба масъалахои гендер ва об
Хогестраат 20, 6953AT Диерен, Нидерланды
Сурогаи почта: 114, 6950AC Диерен, Нидерланды
+31 313 427230


Ҳуқуқи муаллифӣ-- Альянс оид ба масъалаҳои гендер ва об - АГО

Баъди хондани ҳамаи буклетҳои ҳамин силсила шумо метавонед бо мактаббачагон ва ҳамкорон ба таври дилхоҳатон кор кунед. Шумо метавонед расмҳоро бе матн истифода баред. Ба вебсайти АГО даромада, ба компютери худатон ворид созед. Шумо ҳамчунин метавонед тартиби ҷобаҷогузории расмҳоро тағйир дода, мавзӯи худатонро нақл кунед ва дарси худатонро тайёр намоед. Ба Жиралдо ва АГО арзи сипос карданро аз хотир фаромӯш накунед.

Нашрияи тоҷикӣ дар портали

www.cawater-info.net



**Чор буклет мавчуд аст:**

1. Гендер ва об. Муаррифии гендер. Ин чист?
2. Гендер ва об. Санитария ва саломатӣ
3. Гендер, об ва ҳодисаҳои иқлимӣ
4. Гендер, об, кишоварзӣ ва озуқаворӣ

GWA GENDER AND WATER ALLIANCE